Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

28 майи соли 2022 Шанбе

№ 43 (14848)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

*Бо кўшишоти якҷоя оқибатҳои манфии пандемия нарм гардида, суръати мусбӣ дар ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии мамлакатҳоямон таъмин мегардад. Ҳамин тариқ, табодули мол байни Ўзбекистон бо мамлакатҳои ИИА соли 2021 30 фоиз афзуд, аз аввали соли ҷорӣ бошад, боз ба 33 фоиз зиёд гардид. Суръати солонаи афзоиши сармояи ҷалбгарданда аз мамлакатҳои ИИА 25 фоизро ташкил менамояд.*

***(Аз баромади Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар ҳамоиши Иттиҳоди иқтисодии Авросиё).***

# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ҲАМОИШИ ОНЛАЙНИ ИТТИҲОДИ ИҚТИСОДИИ АВРОСИЁ ИШТИРОК НАМУД






**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 27 май дар ҷамъомади Шўрои олии иқтисодии Авросиё ба сифати роҳбари давлати нозир дар ин ташкилот ширкат намуд.**

Дар он, ки дар андозаи видеоконфронс зери раисии Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров баргузор гардид, инчунин Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин, Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон Никол Пашинян, Президенти Ҷумҳурии Куба – мамлакати нозир дар назди Иттиҳоди иқтисодии Авросиё (ИИА) Мигел Бермудес ва раиси Коллегияи Комиссияи иқтисодии Авросиё Михаил Мясникович иштирок намуданд.

Дар рўзномаи маҷлис масъалаҳои рушди ҳамкорӣ ва амиқсозии ҷараёнҳои ҳамгароии муфиди тарафҳо дар фазои ИИА, аз он ҷумла ҳамдастии амалӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, савдо, саноат, нақлиёт ва самтҳои дигар дохил шуда буданд.

Дар ибтидои нутқи худ Президенти Ўзбекистон раисии фаъолонаи Қирғизистонро дар ИИА таъкид кард, ки он ба амиқсозии ҳамкории бисёрҷанба дар доираи ташкилот мусоидат менамояд.

Таъкид шуд, ки бо кўшишоти якҷоя оқибатҳои манфии пандемия нарм гардида, суръати мусбӣ дар ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии мамлакатҳоямон таъмин мегардад. Ҳамин тариқ, табодули мол байни Ўзбекистон бо мамлакатҳои ИИА соли 2021 30 фоиз афзуд, аз аввали соли ҷорӣ бошад, боз ба 33 фоиз зиёд гардид. Суръати солонаи афзоиши сармояи ҷалбгарданда аз мамлакатҳои ИИА 25 фоизро ташкил менамояд. Тағйироти босуръат ва падидаҳои бухронии имрўзи ҷаҳонро таъкид намуда, ки онҳо барои суботнокии мамлакатҳоямон даъвати ҷиддӣ гардид, роҳбари Ўзбекистон вазифаҳои ҳарчи муҳимро муайян намуд, ки қарорҳои муштаракро тақозо доранд.

Президенти мамлакатамон ба минбаъд бартарафсозии мамониатҳои техникӣ ва шинохти сертификатсия дар савдои байниҳамдигарии байни Ўзбекистон ва мамлакатҳои ИИА даъват намуд, ки ин имкон медиҳад дастрасии амвол ба бозорҳои мо то андозае сода гардад.

Аҳамияти махсуси вусъат додани ҳамкории агросаноатӣ бо роҳи истеҳсоли якҷояи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва амволи хўрокворӣ таъкид гардид. Бо мақсади баланд бардоштани натиҷаи он таҳия намудани Барномаи ҳамкории хоҷагии қишлоқ, ки фаъолсозии алоқаҳои байниминтақавиро пешбинӣ менамояд, пешниҳод гардид.

Пешвои Ўзбекистон ба ногузирии рушди минбаъдаи даҳлезҳои муқобили нақлиётӣ ва мустаҳкам намудани ҳамдастии нақлиётӣ дар самтҳои Ҷанубӣ ва Шарқӣ эътибор нигаронд. Бинобар ин аҳамияти ҳарчи зудтар оғоз намудани татбиқи амалии лоиҳа доир ба сохтмони роҳи оҳани Ўзбекистон – Қирғизистон – Чин таъкид шуд, ки ин имконоти иловагиро барои ба бозорҳои минтақаи Осиёву уқёнуси Ором фароҳам меорад.

Омодагӣ ба ҳамкорӣ дар татбиқи лоиҳаи сохтмони шоҳроҳи роҳи оҳани трансафғон аз Тирмиз то Пешовари Покистон изҳор гардид, ки ин роҳи хеле кўтоҳро то бозорҳои Осиёи Ҷанубӣ бо 2 миллиард нафар истеъмолгар таъмин менамояд.

Роҳбари давлатамон изҳор намуд, ки ҷонибдори истифодаи босамари потенсиали инноватсионӣ ва рушди шаклҳои нави ҳамкории саноатии соҳибкорони мамлакатҳоямон, пеш аз ҳама, дар соҳаи технологияи баланд мебошад.

Дар ин самт дар Тошканд баргузор намудани Намоишгоҳи байналхалқии саноатии «ИННОПРОМ. Осиёи Марказӣ» қадами нахустини амалӣ гардид, ки дар он беш аз ҳазор ширкат аз мамлакатҳои ИИА иштирок намуданд.

Таҳияи «Харитаи роҳ»-и муштарак дар бобати рағбатноксозии робитаҳои ҳамкорӣ ва амиқсозии маҳаллисозӣ дар соҳаҳои кимё, дорусозӣ, мошинсозӣ, дастгоҳсозӣ, электроника ва ғайра пешниҳод гардид. Ҳамзамон муҳим аст, ки имконоти институтҳои илмиву тадқиқотӣ ва марказҳои технологӣ васеътар корбаст гардад.

Ба ногузирии муттаҳид намудани кўшишот дар соҳаи сайёҳӣ эътибори алоҳида нигаронда шуд, ки ин соҳа дар рушди иқтисодӣ таҳрикбахши табиӣ хоҳад буд ва ҳамчунин ишора гардид, ки нақлиёти мусофиркашонӣ байни мамлакатҳоямон комилан барқарор карда шавад.

Роҳбари давлатамон дар Ўзбекистон баргузор намудани Анҷумани рушди саноати сайёҳиро бо иштироки ширкатҳои пешқадами мамлакатҳои ИИА пешниҳод намуд.

Дар поёни нутқи худ Президент бори дигар моилии Ўзбекистонро ба муттасил мустаҳкам намудани ҳамкории муфиди тарафҳо ва шарикии бисёрҷанба бо Иттиҳоди иқтисодии Авросиё бо мақсади таъмини рушди босубот ва баланд бардоштани некаҳволии мамлакатҳоямон собит намуд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҶАМЪОМАДИ ШЎРОИ ОЛИИ ИҚТИСОДИИ АВРОСИЁ

*Муҳтарам Садир Нургожоевич!*

*Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!*

*Самимона шод ҳастам, ки тамоми иштирокдорони ҷамъомади Шўрои олии иқтисодии Авросиёро хайрамақдам мегўям.*

*Мехоҳам ба суханони ҳамтоёнам ҳамроҳ шавам ва ба муҳтарам Садир Нургожоевич барои ташкили мулоқотамон арзи сипос намоям.*

*Бовар дорам, ки раёсати фаъоли Қирғизистон дар ИИА барои амиқсозии ҳамкории бисёрҷанбаи мамлакатҳоямон дар доираи Иттиҳодияи Авросиё хидмат менамояд.*

*Ҳамтоёни муҳтарам!*

*Ўзбекистон бо Иттиҳоди иқтисодии Авросиё ба сифати давлати нозир рушди муносибати шарикиро идома медиҳад. Ин барои мо хеле самти муҳим аст, зеро мамлакатҳои ИИА шарикони табиии мо ба шумор меравtotally.*

*Хурсандиовар аст, ки бо кўшиши якҷоя оқибатҳои манфии пандемияро нарм сохтем ва суръати мусбиро дар ҳамкории тиҷоративу иқтисодии мамлакатҳоямон таъмин намудем.*

*Ҳамин тариқ, табодули моли Ўзбекистон бо давлатҳои Иттиҳодия бинобар натиҷаи соли гузашта 30 фоиз, дар чор моҳи аввали соли ҷорӣ бошад, боз ба 33 фоиз афзуд.*

*Суръати солонаи афзоиши сармояи ҷалбгарданда аз мамлакатҳои ИИА тақрибан 25 фоизро ташкил менамояд.*

*Ҳамзамон тағйироти босуръат ва падидаҳои бухроние, ки дар ҷаҳон рух медиҳанд, барои суботнокии мамлакатҳоямон даъвати ҷиддӣ ба шумор меравад. Давраи ҷаҳонисозӣ ба марҳалаи ташаккули тартиби нави ҷаҳонӣ дохил мегардад.*

*Мо гувоҳи ҷорӣ намудани чорабиниҳои маҳдудкунандаи аз нигоҳи миқёс бесобиқа, шикасти занҷирҳои логистикии гузоштани маҳсулот ва алоқаҳои ҳамкорӣ, болоравии нархи ашёи хом ва маҳсулоти озуқаворӣ, амиқ гардидани шиддати иҷтимоӣ мегардем. Чунин мешуморем, ки дар вазъияти бавуҷудомада бо кўшишоти умумӣ таҳия намудани маҷмўи ҳаракатҳои муштарак, пайдо намудани қарорҳои ғайримуқаррарӣ ва истифодаи механизмҳои ғайристандартии ҳамкорӣ муҳим аст. Имрўз нисбат ба ҳар давру замон вазифаи ташаккули шароити муносиб барои вусъат додани ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ҳассос аст. Ба минбаъд бартарафсозии мамониатҳои техникӣ ва шинохти сертификатсия зимни савдои тарафайн байни Ўзбекистон ва мамлакатҳои ИИА имкон медиҳад, ки дастрасии амвол ба бозорҳои мо то андозае сода гардад.*

*Ба ин маънӣ, ба дастгирӣ дар масъалаи ба Ўзбекистон татбиқ нагардидани маҳдудият барои хориҷ намудани озуқаворӣ ва ашёи хом умед мебандем.*

*Инчунин муҳим мешуморем, ки ҳамкории агросаноатӣ бо роҳи истеҳсоли якҷояи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва маҳсулоти озуқаворӣ васеъ гардонда шавад. Барои боло бурдани натиҷабахшии ин ҳаракатҳо таҳия намудани Барномаи ҳамкории хоҷагии қишлоқро пешниҳод мекунем.*

*Ин Барнома метавонист масъалаҳои якҷоя парвариш намудани ғалладона ва маҳсулоти равғаниро дар мамлакатҳои ИИА ва ҳамчунин маҳсулоти полизро, ки шомили навъҳои бармаҳал аст, дар Ўзбекистон бо мақсади ба таври бозамонат сарпур намудани бозорҳоямон фаро гирад. Ҳамзамон барои татбиқи ин дар навбати аввал ба кор андохтани зарфияти минтақаҳои мамлакатҳоямон мувофиқи мақсад мебуд.*

*Даъватҳои нав ногузирии рушди минбаъдаи даҳлезҳои муқобили нақлиётӣ, мустаҳкам намудани ҳалқаҳои нақлиётиро дар самтҳои ҷанубӣ ва шарқӣ тақозо менамояд.*

*Дар вақтҳои наздик мо ба шўруъ намудани татбиқи амалии лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани «Ўзбекистон – Қирғизистон – Чин» ба нақша гирифтаем, ки барои ба бозорҳои минтақаи Осиёву уқёнуси Ором баромадан имконоти васеъ фароҳам меоварад. Ин хатсайр шоҳроҳи мавҷудаи роҳи оҳанро аз рўи самти «Шарқ – Ғарб» сарпур менамояд.*

*Ҳамзамон барои ҳамкорӣ бо шарикони ИИА дар татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани трансафғон аз Тирмиз то Пешовари Покистон омода ҳастем, ки роҳи кўтоҳтаринро ба бозорҳои Осиёи Ҷанубӣ бо 2 миллиард нафар истеъмолгар таъмин месозад.*

*Ғайр аз ин ҷонибдори он ҳастем, ки зарфияти инноватсионӣ ҳарчи бештар босамар истифода гардида, шаклҳои нави рушди ҳамкории саноатии мамлакатҳоямон, пеш аз ҳама дар соҳаи технологияи баланд бештар истифода гардад. Дар самти мазкур дар Тошканд баргузор гардидани Намоишгоҳи саноатии байналхалқии «ИННОПРОМ.Осиёи Марказӣ» қадами амалии нахустин буд. Дар кори он беш аз ҳазор ширкат аз мамлакатҳои Иттиҳодия иштирок намуд. Мо азм дорем, ки минбаъд низ ин майдони муҳимро васеъ гардонем.*

*Бо ин мақсад инчунин пешниҳод менамоем, ки «харитаи роҳ»-и муштарак доир ба рағбатноксозии робитаҳои ҳамкорӣ ва барномаҳои амиқсозии маҳаллигардонӣ, пеш аз ҳама дар соҳаҳои кимё, дорусозӣ, мошинсозӣ, дастгоҳсозӣ ва электроника таҳия карда шавад.*

*Ҳамзамон муҳим аст, ки имконоти институтҳои илмиву тадқиқотӣ ва марказҳои технологиамон ба кор андохта шавад, ки дар онҳо иқтидорҳои нав ташаккул меёбанд.*

*Аҳамияти масъалаҳое, ки бо муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҷой иваз намудани мутахассисон ба мамлакатҳои мо баланд мегардад.*

*Пешниҳод менамоем, ки ҳуҷҷатҳои ногузир қабул гардида, тартиби сода ҷорӣ карда шавад, ки барои босамар таъмин намудани ҷалби захираҳои меҳнатӣ бинобар талаботи зудафзояндаи иқтисодиёти мамлакатҳои аъзо ва нозирони ИИА-ро имконпазир мегардонад.*

*Дар шароити бартарафсозии оқибатҳои пандемия соҳаи сайёҳӣ метавонад таҳрикбахшандаи табиии рушди иқтисодӣ гардад. Аз аввали сол мо зиёд гардидани мавҷи сайёҳонро ба Ўзбекистон, хусусан аз мамлакатҳои ИИА, мушоҳида менамоем.*

*Пешниҳод менамоем, ки тирамоҳи соли ҷорӣ дар Ўзбекистон Анҷумани рушди индустрияи сайёҳӣ бо иштироки ширкатҳои пешқадамамон барпо гардад.*

*Инчунин муҳим аст, ки масъалаи комилан барқарор намудани нақлиёти мусофиркашии байни мамлакатҳоямон таҷдиди назар гардад.*

*Муҳтарам иштирокдорони анҷуман!*

*Дар поёни суханам мехостам бори дигар моилии Ўзбекистонро ба рушди муттасили ҳамкории тарафайни муфид бо Иттиҳоди иқтисодии Авросиё собит намоям.*

*Бовар дорам, ки натиҷаҳои мулоқоти имрўза ба минбаъд мустаҳкам намудани шарикии бисёрҷанба, инкишофи босуботи иқтисодӣ ва афзоиши некаҳволӣ дар мамлакатҳоямон мусоидат хоҳад кард.*

*Ба эътиборатон ташаккур.*

***Дар конститутсияи ҳар як мамлакат бо назардошти хусусиятҳои дохилӣ доир ба ҳуқуқи инсон сохтори қонунгузории муайян ташаккул ёфтааст.***

# ИНЪИКОСИ ТАРАҚҚИЁТ ДАР КОНСТИТУТСИЯ – ЗАРУРАТИ ОБЪЕКТИВӢ

Конститутсия асноди асосии ҳуқуқии ин ё он давлат маҳсуб мешавад. Ҳама гуна асноди меъёрию ҳуқуқӣ такя ба конститутсия дорад. Таври дигар гўем, Конститутсия манбаи кулли асноди қонунии мамлакат мебошад. Меъёрҳои ҳуқуқии конститутсиявӣ тамоюлҳои асосии сохтори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳудудии давлат, тартиби муносибатҳои онро бо институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ, татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба тартиб меандозанд, сохтори мақомоти ҳокимияти давлатиро муайян мекунанд.

Қонуни асосии рўзгори мо — Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон низ дар худ чунин хусусиятҳоро таҷассум сохтааст. Бино ба Конститутсияи ҷумҳурӣ ҳаёти инсон, шаън, қадру қимат, ҳуқуқ ва озодиҳои ў арзиши олӣ маҳсуб мешавад. Эътироф ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсонро давлат ба ўҳда гирифтааст.

Дар табрике, ки Президент ба муносибати 29-умин солгарди Конститутсия ба халқи Ўзбекистон ирсол дошта буд, пешниҳод гардид, ки зарурати тағйир додани тамоюли «Давлат — ҷамъият — инсон» ба тамоюли «Инсон — ҷамъият — давлат» ба миён омадааст. Тамоюли навро бояд мо дар қунунгузории миллӣ ва амалиёт таҳким бахшем.

Воқеан, дар мамлакатамон ислоҳоти васеъмиқёс ба амал татбиқ гардиданд ва ин ҷараён идома дорад. Ин ислоҳот қабл аз ҳама дар пиёда кардани сиёсати шаффофу ошкоро, баланд бардоштани қадри инсон, такмил додани институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ, ислоҳ кардани сохтори кор бо оила ва занону духтарон, маълўлон ва пиронсолон, пурзўр намудани сиёсати давлатӣ дар бахши кор бо ҷавонон, корҳое, ки оиди бартараф намудани меҳнати маҷбурӣ татбиқ мегарданд, интиқол додани волотарин арзишҳои оиладории миллӣ ба насли оянда, беш аз пеш таҳким бахшидани ҳамҷиҳатии байнимиллӣ намоён мегардад.

Ҳамчунин, дар корҳое, ки доир ба рушди муассисаҳои таълими томактабӣ, таълими халқ, таълими олӣ ва илму фан — ҳалқаҳои узван ба ҳам пайвасти Эҳёи сеюм, анҷом дода мешаванд, таҷассум мeёбад. Ин бошад, ҳатман, тақозо дорад, ки мо Қонуни Асосӣ — Конститутсияамонро ба воқеияти ҷамъияти имрўза, мантиқи ислоҳоти шадид мутобиқ гардонем. Зарурати ба сифати қоидаи конститутсиявӣ таҳким бахшидани тамоюли «Ўзбекистони Нав — давлати иҷтимоӣ» ба миён омадааст.

**Абира ҲУСЕЙНОВА,**
**узви Кумитаи масъалаҳои занону духтарон ва баробарии ҷинсии Сенати Олий Маҷлис,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор.**
**(ЎзА).**

*Манзараҳои Ватан*

# ДИГАРГУНИҲОИ АЗИМ ДАР НОҲИЯИ СЕРГЕЛӢ

***Дар пойтахт 12 ноҳия мавҷуд бошад, аз ҷиҳати ҳудуд яке аз калонтарини онҳо Сергелӣ мебошад. Ҳамчун ноҳия дар таркиби шаҳри Тошканд соли 1967 ташкил ёфтааст. Соли 2020 18,64 км² масоҳати он ба қаламрави ноҳияи навбунёди Янги Ҳаёт гузашт.***



Арзи ҳастисозии Сергелӣ ба бунёдкориҳои оммавӣ дар маркази ҷумҳуриамон баъди ба вуқӯъ омадани заминларзаи сахт (апрели соли 1966) вобастагӣ дорад. То он вақт ҳудудро асосан майдонҳои кишт ё худ заминҳои бекорхобида дар тасарруфи вилояти Тошканд ташкил менамуд. Айни замон дар он ҷо хонаҳои як-дуошёнаи назарногир ба назар мерасиданд, ки чӯбин буда, асосан ба юнониҳо ва дигар халқҳои урупоии замонҳое муҳоҷиршуда мутааллиқ буданд. Баъди заминҷунбӣ, хусусан дар солҳои 1970 дар ҳудуд манзилҳои истиқоматии чаҳор-панҷошёна қад рост карданд. Ба солҳои 80-90-ум омада, Сергелӣ ба мавзеи замонавӣ табдил ёфт. Биноҳои нӯҳошёна ба шукӯҳи он афзуданд. Аз дигар мавзеъҳои пойтахт ба Сергелӣ кӯчбандии сокинон суръати нав гирифт.

Ноҳия дар қисми ҷанубии пойтахт мавқеъ гирифтааст. Дар шимоли он ноҳияи Яккасарой, шимолӣ-шарқиаш ноҳияи Миробод ҷойгир буда, айни замон бо ноҳияҳои Чилонзор, Бектемир, Зангиато ва Янги Ҳаёт ҳамҳудуд мебошад. Дар нуқтаҳое, ки бо Яккасарою Чилонзор пайвастааст, роҳи оҳан мегузарад, ки то чандин шаҳрҳои дуру наздик тӯл мекашад.

Вақте Сергелӣ ба забон омад, роҳи ҳалқагарди автомобилӣ, ки кӯчаи васеи Сергелии нав, қитъаи роҳи оҳани Тошканд – Ангрен, трассаи Ёқубов, дарёи Чирчиқ, ки аз ҳудуд мегузарад, ҳамчунин рӯди Чортоқ, канали Солор пеши назарамон меоянд. Наздик 50 фоизи ноҳия гӯшаҳои сабзу хуррам мебошанд.

Ҷуз роҳи ҳалқагард, ки зикр кардем, наздик 200 кӯчаи дарозу кӯтоҳ, ки имрӯзҳо тахту равон гаштаанд, мардумро ба манзил мерасонанд.

Аэропорти байналхалқии Тошканд, автокомбинати рақами сеюм, автокорхонаи «РАФ», парки автобусҳои чаҳорум ва дувоздаҳум дар он ҷой гирифтаанд. Назар ба маълумотҳое, ки ба мо расидаанд, дар соли 2020-ум дар ноҳия 2097 корхонаву ташкилот, 12 корхонаи калони саноатӣ, 300 корхонаи саноатӣ, 1748 микрофирма, заводи таъмири ҳавопаймоҳо, заводи Новатор ва ғайраҳо фаъолият мебурданд.

Дар ҳудуди ноҳия ёдгориҳои археологии Хонободтеппа ва Шоштеппа мавҷуд. Аз харобаҳои мавзеи бостонии Нӯғайқӯрғон низ дар ин ҷо нишонаҳо ба назар мерасанд. Ёдгориҳои археологӣ, аз ҷумла қалъаи Кугаитеппа дорои таърихи наздик духазорсола. Даҳ сол қабл ба Сергелӣ кашида шудани хати метроро сокинони пойтахт орзу мекарданд. Лоиҳаи барпои роҳи филизӣ ба ин ҳудуд соли 2017 мавриди баррасӣ қарор гирифт ва вақти зиёде нагузашта, он татбиқи ҳаётии худ ёфт ва орзуҳо ба амал баромаданд. Дар масоҳати 7 километр панҷ истгоҳ сохта ва ба истифода супурда шуд. Роҳи оҳани зеризаминии Олмазори самти Чилонзор ба хати роҳи рӯйизаминӣ пайваст, ки 580 метр тӯл мекашад. Ин хатт ҳоло дар як шабонарӯз тақрибан ба 35 ҳазор нафар пассажир хидмат мерасонад.

Роҳи оҳани «Тошканд – Ангрен», ки кӯчаи Қипчоқро бурида мегузарад, то солҳои охир ба тирбандии автомобилҳо сабаб мегашт. Кӯча васеъ гардонида ва дар болои роҳи оҳан кӯпруки муҳташам барпо гашт, ки 772 метр дарозӣ, 28 метр баландӣ дорад. Кӯпрук роҳи ҳалқагии пойтахтро бо роҳи Сергелии нав пайваст ва имконият фароҳам омад соате дар ин ҷо то 12 ҳазор автомобил ҳаракат намояд.

Вақтҳои охир ноҳия ба майдони воқеии сохтмон табдил ёфт. Тӯли солҳои 2017-2020 460 бинои бисёрошёнаи истиқоматӣ сохта ва ба истифода супурда шуд. Дар давоми се сол зиёда аз 100 ҳазор нафар ба манзилҳои нав бурёкӯбон карданд.

Дар гузаштаи наздик байни марказ ва ҳудуд танҳо як роҳ – роҳи Сергелии нав вуҷуд дошту халос. Ҳоло, бинобар тағйироти азим, равуоҳо осон шудаанд ва «бубин тафовути роҳ аз куҷо то ба куҷо» мегӯяд кас бидуни ихтиёр. Воқеан, танҳо барои барпои роҳи рӯизамини 7-километраи метрои Сергелӣ, ки истгоҳҳои «Чоштеппа», «Роҳи ҳалқаи Тошканд», «Сергелӣ», «Афросиёб», «Қипчоқ» (алъон ин истгоҳҳо бо рақамҳои 1-5 ифода мешаванд), фаро гирифтааст, ҶС «Ӯзбекистон темир йӯллари» 83 миллион доллари ИМА сарф намуд.

Қатори дигар кӯчаҳо тарҳи замонавӣ ва тахту равонии кӯчае дар Сергелӣ эътибори моро ба худ мекашад, ки ба номи шоири шаҳири тоҷик Мирзо Турсунзода гузошта шудааст.

Аҳолии ноҳия ба 221 ҳазор нафар расидааст.

Дар ноҳия тавассути сохтори корҳои маҳаллабайъ бобати аниқ гардондани аҳолии ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷ, ба омӯзиши касбу ҳунар ҷалбсозии сокинон, хусусан ҷавонону бонувон, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани дараҷаи фаровонии оилаҳо корҳои муҳим ба амал бароварда мешаванд. Имрӯзҳо дар ноҳия 52356 адад биноҳои истиқоматӣ, яъне манзилҳо мавҷуд, ки дар он ҷамъ 67129 адад оилаҳо зиндагӣ мекунанд.

Аҳолии ноҳия бо баҳисобгирии вазъи иҷтимоию иқтисодии оилавӣ ба чаҳор тоифа тақсим гашт. Ба тоифаи аввал аъзои оилаҳое ворид шуданд, ки камтаъминанд, хоҳиши кор кардан доранд. Оилаҳое, ки соҳиби даромаданд, вале шуғли иловагӣ меҷӯянд, ба тоифаи дуюм, оилаҳое, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷанд, сарпараст гум кардаанд, ногиронӣ яке аз узвҳояшонро нигарон кардааст, ба тоифаи сеюм, оилаҳои вазъи иҷтимоию иқтисодиашон ҳарҷониба барқарор ба тоифаи чорум дохил карда шуданд. Аз рӯйи ҳамаи тоифаҳо вазифаҳои манзилнок муайян карда шуданд.

Муҳимтарин нуқтаи сабзиш дар ноҳия – истеҳсолот ва соҳаи хидматрасонӣ. Аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ ва ҳомиён дар чаҳоряки аввали соли равон ба 5185 нафар эҳтиёҷманд кумаки моддӣ расонида шуд. Барои дастгирии молиявии соҳибкорон ва ривоҷи фаъолият дар соҳа барои соли 2022 ҷамъ 20 миллиард сӯм ҷудо карда шуда бошад, дар чаҳоряки аввал 4,4 миллиард сӯм ба самти зикршуда равона гашт.

Ба нақша гирифта шудааст, ки айни замон дар 9 самт соҳаи хидматрасонӣ ривоҷ дода ва 36 ҳазору 775 адад ҷойи нави корӣ офарида шавад. Ҳамчунин дар ояндаи наздик пешбинӣ шуда, ки бо оғози фаъолияти 1003 корхонаи хурд 1505 ҷойи нави корӣ ташкил гарданд. Бо амалӣ гардонда шудани 47 лоиҳаи сармоявӣ, ки арзиши умумиашон 1,1 триллион сӯм мебошад, интизор меравад 1 ҳазору 690 ҷойи нави корӣ офарида шаванд.

Дар натиҷаи амалӣ шудани нақшаҳое, ки пешбинӣ шудаанд, дар ноҳияи Сергелӣ бекорӣ ба дараҷаи ҳисшаванда кам шуда, баробари аҳолии маҳаллӣ корҷӯён аз ноҳияҳои дигари пойтахт, айни замон аз вилоятҳои ҷумҳурӣ дар ин ҷо шуғли дилхоҳ пайдо карда метавонанд.

**М.ШОДИЕВ.**

***Аз тарафи Маркази «Стратегияи рушд» бахшида ба муаррифии маҷмӯи «Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026» ва платформаи онлайни «Қадри инсон» чорабинии байналхалқӣ баргузор шуд.***

# ЭЪТИБОРИ БАЙНАЛХАЛҚИИ СТРАТЕГИЯИ РУШД

Дар он намояндагони вазорат, идораву созмонҳои ба иҷрои барномаи Стратегияи рушд масъул, CFF ва дигар намояндагони институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ, сафирони давлатҳои хориҷӣ, эксперт ва роҳбарони созмонҳои байналхалқӣ, ВАО маҳалливу хориҷӣ иштирок карданд.

Ҷонишини якуми раиси Сенати Олий Маҷлис Содиқ Сафоев гуфт, ки дар Стратегияи рушд вазифаҳои дар ҳаёт татбиқ намудани тамоюли «Қадри инсон» пурра инъикоси худро ёфтааст. Таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як шаҳрванд, ҳаёти осуда ва бехатари ӯ, фароҳам овардани шароити муносиби зиндагӣ, муҳити экологии солим, сохтори ҳифзи иҷтимоӣ, хидматрасонии тиббии бомалака, таълими босифат аз ин ҷумла мебошанд.

– Барномаи асосиро бесабаб «Стратегияи рушд» номидаанд, – гуфт ҷонишини якуми раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Акмал Саидов. – Ин идомаи мантиқии Стратегияи амалиёт, ки моҳи феврали соли 2017 татбиқ гардидааст, мебошад.

Панҷ тамоюли Стратегияи амалиёт дар Стратегияи рушд боз ҳам тақвият дода мешавад. Ду тамоюли боқимонда бошад, ба масъалаҳои рушди маънавият ва мушкилотҳои байналхалқӣ, чунончӣ терроризм, экстремизм, тағйиротҳои иқлим бахшида шудааст.

Дар Стратегияи рушд 100 мақсад, ки ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ, маданиву маърифиро дар бар мегирад, пешбинӣ шудааст. Барои дастрас гардидани ин мақсадҳо қонун, шароит ва имкониятҳои мо басанда мебошанд.

Дар чорабинӣ мушкилоти экологӣ ҳамчун мушкилоти умумӣ номбар шуда, таъкид гардид, ки ин мушкилот дар айни ҳол ҳаллу фасл нагардад, барои насли оянда хавфи бузургро эҷод мекунад, ки он вақт пешгириаш имконнопазир мегардад.

Ғайр аз ин, А.Саидов се аҳамияти муҳими барномаи Стратегияи рушдро таъкид кард.

– Аҳамияти аввалин волояти қадри инсон мебошад, – гуфт А.Саидов. – Ҳоло дар Ӯзбекистони Нав сохтори нави ҳуқуқи миллӣ ташаккул меёбад, яъне ба тамоюли «Инсон, ҳуқуқ ва озодӣ, бахусус қадри ӯ – қадрияти олист» эътибори доимӣ нигаронида мешавад. Дуюм, аҳамияти минтақавӣ доштани Стратегияи рушд ба шумор меравад. Дар он гиромидошти муносибатҳои бародарии халқҳои Осиёи Марказӣ, пурзӯр гардондани муносибатҳои тарафайн ва бехатарии минтақавӣ эътибори алоҳида нигаронида шудааст. Сеюм, аҳамияти байналхалқӣ доштани барнома ба шумор меравад. Дар стратегия барои ба зинаи нав бардоштани ҳамкориҳои байналхалқӣ оид ба ҳаллу фасл намудани мушкилоти глобалӣ, чунончи, экология, терроризм, экстремизм, коррупсия, камбизоатӣ ва ғайра, пурзӯр гардондани фаъолияти институт ва идораҳои СММ, ташкилотҳои гуманитариву молиявӣ, иқтисоди минтақавию байналхалқӣ сухан меравад.

Платформаи онлайни «Қадри инсон»-ро муаррифӣ намуда, директори иҷрогари Маркази Стратегияи рушд Элдор Туляков гуфт, ки платформа нақши купрукро дар байни аҳолӣ ва давлат мебозад. Портали мазкур аз тарафи марказ ва Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва инноватсияҳо ба кор андохта шуд. Мақсад аз платформа ба эътибори аҳолӣ расонда додани натиҷаҳои иҷрои барномаҳои давлатӣ ва Стратегияи рушд, таъмин намудани иштироки бевоситаи аҳолӣ оид ба иҷрои он дар мавзеъҳо мебошад. Бинобар ин, аз платформаи онлайни «davlatdasturi.uz» аҳолӣ метавонад оид ба чорабиниҳои барномаҳои давлатӣ, ҷараёни иҷрои он муфассал шинос шавад, таклиф, эътироз ва мушоҳидаҳои худро баён намояд.

– Маҷмӯи «Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026» аз тарафи Марказ муназзам ба дасти чоп мерасад, – гуфт Э. Туляков. – Маҷмӯа дар муддати кӯтоҳ ба забонҳои англисӣ, чинӣ ва италянӣ тарҷума шуда, ба палатаҳои парламент, вазорат ва идораҳои давлатӣ, CFF ва институтҳои дигари шаҳрвандӣ, сафоратхонаҳои мамлакатамон ва хориҷ барои истифода супурда шуд.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

## ХАБАРҲО

### ЗАНГИ ОХИР ДАР МАКТАБҲО

***Садо додани занги охир дар муассисаҳои таълими миёна барои беш аз 390 ҳазор нафар хатмкунандагони синфҳои ёздаҳум, 531, 3 ҳазор нафар тамомкунандагони синфҳои нӯҳум, ҳамчунин барои устодон, падару модар ва қарибонашон воқеаи фаромӯшнопазир ва ҳаяҷонбахш қарор гирифт.***

Иштирокдорон бачаҳоеро, ҳаётиояндаашон мунтазир ба лаҳзаҳои боз ҳам зеботари умр буда, онҳо ба давраи масъулиятталаби зиндагӣ ворид мешаванд, чун соҳибҷашн муборакбод сохтанд. Айни замон табрики Президент хонда ва шунавонда шуд, ки дар он, аз ҷумла, сабт ёфтааст: “Ба рӯйи шумо 162 адад муассисаи таълими олии ҷумҳурӣ, бисёр даргоҳҳои касбу ҳунар, коллеҷу техникумҳо дари худ боз кардаанд ва ҳамаатон метавонед аз рӯйи соҳае, ки интихоб кардаед, таҳсил намоед ё асрори касбу ҳунар омӯзед”.

Донишомӯзони панҷ синфи нӯҳум ва панҷ синфи ёздаҳум дабистони таълими умумии рақами 102-уми ноҳияи Шайхонтаҳури пойтахтро хатм карданд. Дар чорабинии “Занги охир”, ки мутантан сурат гирифт, табрики Президент хонда шуд.

Дар тадбири ҷашние, ки мутасаддиёни дабистони таълими умумии рақами 159 “А”-и ноҳияи Олмазор ташкил карданд, аз ҷумла таъкид гашт аз 69 нафар тамомкунандагон 3 нафар аллакай донишҷӯйи донишгоҳҳои байналхалқӣ шуданд.

Хонандагоне, ки дар таҳсил, иштирок дар зӯрозмоӣ ва озмунҳои фаннӣ натиҷаҳои хуб ба даст овардаанд, дар “Занги охир” бо ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдиронида шуданд.

### ОРКЕСТРИ СИМФОНӢ – ҲАМОҲАНГ БО ОРЗУҲОИ ҶАВОНӢ

***Ҳамоҳанг бо “Занги охир” дар кӯчаи Истиқлоли пойтахт, майдони ҳамшафат бо Қасри анҷуманҳо “Ҷашнвораи операи Тошканд – 2022” сурат гирифт.***

Насли ҷавон – тамомкунандагони дабистонҳои пойтахт тамошобинҳои асосӣ буданд. Пештар ҳам ин гуна тадбирҳо дар боғҳои истироҳатӣ баргузор ва ба иштирокдорон таассуроти хуб гузошта буданд. Чорабинии навбатӣ ба “Занги охир” бахшида шуд ва оркестри симфонӣ сурудҳоеро танинадоз сохт, ки ҷавонӣ – давраи беғубори умрро тараннум месозанд.

Ба тамошобинҳо, хусусан, баромадҳои дорандаи мукофоти “Ниҳол” Ҷасур Мирсоатов бештар писанд афтод.

### ФОРУМИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР БУХОРО

***Дар Бухоро маросими кушоиши Форуми байналхалқии коҳиш додани муфлисӣ рӯйи кор омад.***

Чорабинӣ бо мақсади коҳиш додани камбағалӣ, беҳсозии сифати ҳаёти инсон, таъмини барқарории ҷамъиятӣ, якҷо бо экспертҳо аз хориҷ муҳокима сохтани амалигардии лоиҳаҳо ва нақшаҳои истиқболӣ ташкил гардидааст. Дар оғоз табрики Президент ба иштирокдорон хондаву шунавонда шуд.

Тавре қайд гардид, дар чорабинии навбатии байналхалқӣ намояндагон аз Созмони ҳамкории Шанхай, давлатҳои аъзо ва назораткунанда, институтҳои рушди байналхалқӣ ҳастанд ва миқдори умумии иштирокдорон наздик 250-торо ташкил менамояд.

Баробари ҳамин дар форум соҳибкорони маҳаллӣ, ҷавононе, ки ба соҳибкорӣ майл доранд, низ ширкат меҷӯянд. Иваз сохтани таҷриба дар соҳаҳои гуногун ба нақша даромадааст.

**М. ШОДИЕВ, мухбири “Овози тоҷик”.**

# ПАРВАРИШИ КИРМИ ПИЛЛА БО УСУЛИ ХОРАЗМИЁН

***Дар ноҳияи Намангон пиллакорон дар мавсими соли равон ният доранд, ки аз 3 ҳазору 349 қуттӣ кирми пилла 191 тонна пилла ҷамъоварӣ намоянд.***



*То имрӯз дар қитъаҳои парвариши кирми пилла аз 26 қуттӣ беш аз 1 ҳазору 600 килограмм пилла ҷамъоварӣ шудааст. Бояд гуфт, ки ба мақсади рушди пойгоҳи ғизои кирми пилла аз оғози фасли баҳор шинондани 400 ҳазор бех тут ба нақша гирифта шуда буд. То имрӯз дар канори заминҳои кишт ва лаби ҷӯйҳо 500 ҳазор бех ниҳоли тут шинонда шудааст.*

*Дар ин мавсим ҳосили пиллакорони хоҷагии фермерии «Фазлиддин ӯғли Шамсиддин» бисёр аст. Оилаи Матлуба Ҷалилова, ки дар маҳаллаи Теппа Қиёт ба сар мебарад, аз 21 грамм кирми пилла 157 килограмм ашёи хоми баландсифат ҷамъоварӣ намуд. Ҳоло дар хавозаҳои кирмакпарварӣ ҳосил кам нест. Агар ҳамааш ҷамъоварӣ шавад, ин нишондиҳанда 200 килограммро ташкил хоҳад дод. Ҳаммаҳаллаи ин оила — Нодира Эргашева 147 килограмм пилла ба даст овардааст.*

*— Дар ин мавсим мо пилларо бо усули хоразмиён парвариш намудем, — гуфт роҳбари хоҷагии фермерӣ Фазлиддин Ғоибов. — Бартарии ин усул дар он аст, ки кирмак дар се қабат хавоза (хавозаи охирин дар фарш), зина ба зина парвариш карда мешавад. Дар ин ҳолат донаҳои пилла бузургтар мешаванд ва ҳосилдорӣ ба 50 фоиз меафзояд.*

***Дар акс:** лавҳа аз рафти парвариши кирми пилла дар ноҳияи Намангон.*

***Аксбардор:***
***Ҳотам***
***МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***

# ЗАНГИ ОХИРИН ХОТИРМОН ГУЗАШТ

***25 май дар мактаби миёнаи таълими ҳамагонии рақами 348-уми ноҳияи Бектемири шаҳри Тошканд занги охирин садо дод. Дар он роҳбарони ноҳия, маҳалла ва фаъолони маҳалла, омӯзгорон, хонандагон ва падару модарони онҳо иштирок намуданд.***



Директори мактаб Гулчеҳра Тӯрақулова ҷамъомадагонро ба муносибати ба охир расидани соли таҳсил табрик намуда, ба хатмкунандагон дар кору таҳсили минбаъдаашон комёбиҳо орзу намуд.

Ба як гурӯҳ омӯзгороне, ки бо меҳнату заҳмати худ дар тарбияи насли наврас саҳм гузоштаанд, аз ҷониби Шуҳрат Раҷабов — фарзанди омӯзгори равоншод, Аълочии маорифи халқ, яке аз машъалони маориф Холдигул Бӯриева, барои пос доштани хотираи дурахшони ӯ, ба омӯзгорони пешқадам М. Аҳмедов, С. Ҳусанбоева, З. Қуролова, З. Раҳмонқулова, Д. Серикбоева, М. Тошпӯлодова ва хонандагони мактаб С. Тӯхтамуродова, М. Деҳқонова, Д. Эргашева ва М. Қӯчқорова, ки соли хонишро бо рафтори намунавӣ ва баҳоҳои аъло хатм намуданд, мукофотҳои пулӣ (ба ҳар кадом 1 то 2 млн. сӯмӣ) супурда шуд.

Дар чорабинӣ савту сурудҳо низ садо доданд.

**Навбаҳор**
**ҲАМРОҚУЛОВА.**

*Дарси боғдорӣ*

# СИРПИЁЗ – МАНБАИ ДАВО

***Ҳар сол дар ҷаҳон ба ҳисоби миёна беш аз 27 миллион тонна сирпиёз парвариш карда мешавад, ки қисми асосии он ба Хитой, Ҳиндустон, Бангладеш, Миср, Куриёи Ҷанубӣ ва Русия рост меояд.***

Пас аз муайян шудани хусусиятҳои нави давоии сирпиёз, ки дар табобати мардумӣ аз қадим истифода мешавад, талабот ба он чанд маротиба афзудааст. Дар мамлакати мо ҳамчун маҳсулоти бозоргир онро фермерон, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибони замини наздиҳавлӣ парвариш менамоянд.

Тавсияҳои нигоҳубинӣ, тухмӣ ва агротехнологӣ аз ҷониби Шӯрои хоҷагиҳои фермерию деҳқонӣ ва соҳибони заминҳои наздиҳавлии Ӯзбекистон таҳия карда шуда, дар ҷойҳо тибқи барномаҳои пешбинишуда семинарҳои амалӣ, мизи мудаввар, курсҳои таълимӣ баргузор мегардад.

Бо мақсади ташкили кишт, парвариш ва агротехникаи сирпиёз ҳамчун маҳсулоти сердаромади бозор барои деҳқонону заминдорон тавсияҳо дода мешавад.

Навъҳои тавсияшаванда барои кишт «Майский вир» ва «Рокамбл» мебошанд.

Сирпиёзчаҳои шинондашуда бояд серҳосил ва солим бошанд. Сир растании ба салқинӣ тобовар аст. Вай дар 3-5$^{0}$С мерӯяд.

Зимни тайёр кардани майдон замин тадриҷан аз пасмондаҳои зироати пешина ва алафҳои бегона тоза карда мешавад. Ба ҳар сотих 150-200 кг поруи пӯсида меандозанд. Заминро дар чуқурии 20-25 см нарм ва ҳамвор карда, ҷӯяк мекашанд.

Сирпиёз аввали тирамоҳ шинонда мешавад. Агар дертар шинонда шавад, дар тирамоҳ хуб сар намебандад.

Вобаста ба навъи хок ба 10 сотих замине, ки сир шинонда мешавад, 10-15 кг фосфор ва 5 кг нурии калийӣ меандозанд. Ба майдоне, ки сирпиёз кошта мешавад, поруи тару тоза андохтан мувофиқи мақсад нест, зеро ин пухта расидани ҳосилро кашол медиҳад.

Сирпиёз ҳар қадар калон ва суръати кишт ҳар қадар боло бошад, ҳосилнокӣ низ баланд мешавад. Ҳангоми дар 2-3 қатор шинондан масофаи байни ҷӯякҳо 50-60 см, масофаи байни қаторҳо 10-15 см, байни ниҳолҳо аз 6 то 8 см ва чуқурии он 3-4 см бояд бошад.

Сирпиёзро дар тирамоҳ як-ду маротиба об медиҳанд, баҳору тобистон 5-6 маротиба об додан, байни қаторҳоро нарм кардан, аз алафҳои бегона тоза кардан, гулпояҳоро шикастан, бо нуриҳои минералӣ ғизо додан ва пошидани поруи пӯсида ҳосилро зиёд мекунад.

Дар мубориза ба муқобили ҳашароти зараррасон, аз қабили магаси пиёз, трипси тамоку, шабнами тирамоҳӣ, аз доруҳои карате, мосплан истифода мебаранд. Ҳангоми мубориза бар зидди касалиҳои шабнам, пӯсиши реша, мозаика, зарпарвин тухмиро гарм карда растаниҳои беморро нест кардан, дар 60 литр об моеъи бордо, топаз ёки курзотро омехта мепошанд.

Ҷамъоварии ҳосил. Сирпиёзро дар моҳҳои июн-июл ҷамъоварӣ кардан лозим. Дар ҷамъоварии он дер набояд кард, зеро пӯсти сирпиёз кафида, дандонакҳо меафтанд. Дар натиҷа ҳосил кам шуда, сифати маҳсулот паст мешавад. Ҳосилро бо бел аз замин бардошта, дастӣ мечинанд.

**М. МУҲАММАДИЕВ,**
**Б. ОРТИҚОВ,**
**мутахассисони Шӯрои хоҷагиҳои фермерӣ, деҳқонӣ ва соҳибони замини наздиҳавлии Ӯзбекистон.**

# ФЕСТИВАЛИ «ШАШМАҚОМ»-И ҶАВОНОН

**_Қарори Девони Вазирон «Дар бораи чораҳои ташкил кардан ва гузаронидани фестивали ҷумҳуриявии иҷрокунандагони ҷавони «Шашмақом» дар вилояти Бухоро қабул гардида буд. Бинобар ин қарор аз соли ҷорӣ сар карда дар ҳар ду сол моҳи май дар Бухоро ин тадбир баргузор мешавад._**

Дар Маркази ҷавонони шаҳри Бухоро маросими кушодашавии ин чорабинӣ ба амал омад. Ҳокими вилоят Ботир Зарифов ба сухан баромада, аҳамияти ин тадбирро бобати тарғиб ва оммавӣ гардондани шоҳасари классикии мусиқавиамон алоҳида таъкид намуд. Сардиректори Маркази мақоми миллии Ӯзбекистон Соҳибҷон Бегматов оиди мақсад ва вазифаҳои фестивал изҳори ақида кард.

Дар толор танин андохтани силсилаи сурудҳо аз мақом аз қабили «Мустаҳзод», «Мустаҳзоди қашқарчаи наво», «Ушшоқи Самарқанд», «Ироқи Тошканд», «Ушшоқи қадим», «Эшбой», «Уфари Муҳайяр» дар иҷрои Қаҳрамони Ӯзбекистон Муноҷот Йӯлчиева, Артисти халқии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон Матлуба Дадабоева, Артисти шоистаи Ӯзбекистон Гулбаҳор Эрқулова, сароядагон Бобур Кенҷаев, Абдураҳмон Раҳмонов, Ниҳола Асадова, Фирӯз Авезов, Санавбар Файзуллоева инчунин омӯзгорону шогирдони мактаб-интернати ихтисосонидашудаи мақоми Бухоро ба номи А.Фитрат шукӯҳи тадбирро афзуд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

**_Оила гаҳвораи қадриятҳо буда, расму оин, анъана, одобу ахлоқ, дӯстию рафоқат ва тарбияи фарзандон дар оила ба роҳ монда мешавад._**

# БЕҲТАРИН ОИЛАИ ВИЛОЯТИ НАМАНГОН

Солҳои охир дар мамлакатамон ба ҷузъи асосии мамлакат – оила эътибори алоҳида нигаронида мешавад, ки боиси серию фаровонии онҳо гардидааст.

Дар саросари кишвар бо ташаббуси Кумитаи давлатии оила ва занону духтарон озмун-азназаргузаронӣ таҳти унвони «Беҳтарин оилаи Ӯзбекистони Нав» баргузор мегардад.

Чанде пеш дар Маркази маданияти ноҳияи Давлатободи шаҳри Намангон марҳилаи вилоятии озмун баргузор шуд. Дар он 14 беҳтарин оилаи намунавие, ки дар зинаи шаҳриву ноҳиявӣ ғолиб шуда буданд, иштирок карданд. Иштирокчиён маводро аз рӯйи шартҳои шиносоӣ бо оила, силсилаи суратҳо, видеоролики седақиқаина таҳти номи «Ин оилаи ман» ба ҳукми ҳакамон ҳавола карданд.

– Мақсад аз гузаронидани чунин озмун ва чорабиниҳо баробари муайян кардани оилаҳои беҳтарин, байни дигар оилаҳои вилоят оммавӣ гардондани фаъолияти онҳо мебошад, – гуфт ҷонишини ҳокими вилоят Динора Ёқубова.

Дар ҷамъбаст оилаи Наримон Деҳқонов аз ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Орзуи ноҳияи Давлатобод беҳтарин оилаи вилоят эълон карда шуд.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
_Вилояти НАМАНГОН._

_Рӯйдоди фарҳангӣ_

# ВОХӮРӢ БО АДИБОН

**_Дар Маркази ахбору китобхонаи ба номи Пушкини вилояти Самарқанд маҳфили навбатии «Қофилаи Рӯдакӣ» баргузор гардид. Шоиру рӯзноманигори маҳбуб Абдулло Субҳон ва адиби варзидаву тарҷумони бомаҳорат Юнуси Имомназар меҳмонони маҳфили адабӣ буданд._**

Чорабиниро раиси маҳфил шоира Дилшоди Фарҳодзод ҳусни ифтитоҳ бахшид, баъдан ба ҳозирон доир ба рӯзгор ва осори ду эҷодкор маълумоти видеоӣ пешкаш гардид. Устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, профессор Садрӣ Саъдиев, олим Саиди Саъдӣ, сармуҳаррири “Овози Самарқанд” Баҳодур Раҳмонов, раиси Маркази миллӣ-мадании тоҷик ва тоҷикзабонони вилоят Акбар Маҳмудов, раиси бахши тоҷикии шуъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Асадулло Шукуров, адибаи ҷавон Маликаи Бахтиёр ва дигарон дар бораи паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёти ин адибон андешаҳои худро иброз доштанд.

– Абдулло Субҳон яке аз шоирони беҳтарини муҳити имрӯзаи адабии мо ба шумор меравад, – гуфт доктори илмҳои филологӣ, профессор Садрӣ Саъдиев. Сурудаҳояш бештар дар мавзӯоти “ҷаҳонро бо чашми хирад дидан” ва ишқу зебоӣ мебошад. Ӯ Ватани худ, миллати худ, деҳаи худ ва оламиёнро дӯст медорад. Дар шеъри “Дар тақвияти сухани ошное” вай чунин мегӯяд:

_Фидо ҷони азизам бод!_
_Ба он насле, ки дар марзи_
_ҳақиқат, дӯстдорӣ решаҳо_
_дорад,_
_Ба он насле, ки аз фардои_
_миллат ба сар андешаҳо_
_дорад._

_Фидо ҷони азизам бод!_
_Ба он насле, ки бебоку_
_ғаюру чорагар бошад,_
_Дар аввал дӯстдори_
_кишвару халқи азизи хеш,_
_Дар охир ошиқи сайёраву_
_кулли башар бошад!_

Дар идома забоншинос Саиди Саъдӣ дар бораи доираи мавзӯот, мундариҷа ва хусусиятҳои забонии навиштаҳои Юнуси Имомназар фикрҳои худро гуфт.

– Ман ба мақолае, ки барои рӯзномаи “Овози Самарқанд” дар бораи ҳикояҳои нависанда навиштаам, баъзе камбудиҳоро ошкор баён карда будам, – гуфт Саиди Саъдӣ. – Юнуси Имомназар аз зумраи нависандагонест, ки шеваи баёни худро дорад. Вай натанҳо бо навиштани ҳикоя, балки дар дигар жанрҳо ҳам қалами худро обу тоб медиҳад. Романи “Сурху сабз”-и ӯ дар бораи солҳои ҷанг буда, хонанда бо хондани асар дар бораи худшиносӣ ва донистани қадри имрӯзи осоиштаи кишвар хулоса мебарорад. Ҳикояҳои нависандагони муосири ӯзбекро содаву саҳеҳ ба забони тоҷикӣ баргардонидааст.

Донишҷӯёни факултети филологияи тоҷик аз ашъори Абдулло Субҳон шеърҳо қироат карданд ва аз рӯйи навиштаҳои нависанда саҳнаҳои ибратомӯзро манзури ҳозирин гардонданд.

Абдулло Субҳон ва Юнуси Имомназар ба сухан баромада, доир ба аҳамияти чорабиниҳои адабиву фарҳангӣ ва тарғиби китобхонӣ дар байни ҷавонон сухан гуфтанд. Таъкид гардид, ки имрӯз аз ҷониби Сарвари давлат барои китобхонӣ ва баргузории чорабиниҳои адабиву фарҳангӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Адибон барои даъват ба созмондиҳандагони чорабинӣ арзи сипос намуданд. Абдулло Субҳон аз шеърҳои тару тозааш барои ҳозирин гулдастае армуғон кард. Савту сурудҳои овозхони касбӣ Фармон Азимов ба шеърҳои А.Субҳон ба маҳфил шукӯҳи тоза бахшид.

Дар охир донишҷӯён ба саволҳои худ аз меҳмонон ҷавоб гирифтанд.

**Шаҳзод КЕНҶАЗОДА.**
_САМАРҚАНД._

_МУШОҲИДА ВА МУЛОҲИЗА_

# «ЗАНГИ ОХИР БУРД МОРО ҲАР КУҶО, АЗ ҲАМ ҶУДО...»

**_Занги охир бурд моро ҳар куҷо, аз ҳам ҷудо,_**
**_То ҳанӯзам нолаи занги ҷудоӣ бар дил аст._**
**_Баъд аз ин бо даъвати зангӯла ҳатто лаҳзае,_**
**_Назди мактабхона моро ҷамъ кардан мушкил аст..._**
**_(ЛОИҚ.)_**

Оре, баъди садо додани занги охир бо мактаб, ин даргоҳи муқаддасе, ки ёздаҳ сол, аз ҳамон дами ба синфи якум қадами аввал ниҳодану бо кӯмаки устодон ҳарфро шинохтан то давраи хатм дониш андӯхтаем, хайрбод гуфта, ба ҳар сӯ парешон шудаем. Дарвоқеъ, имрӯз як ҷо ҷамъ омадан душвор аст. Овони мактабхонӣ имкон фароҳам меоварад, ки мо донишҳои заруриро аз бар намоем. Адабиётро омӯзему адабро, ҳисобро хонему ҳисобдон шавем, дарси забонро хонда забони гӯё дошта бошем, фанни таърих моро ба гузашта барад, география аз кураи арз, аҷоиботи олам воқиф созад, хулоса ҳар як фан махсусиятҳои худро дорад. Танҳо онро бо шавқу завқи беандоза зиёд бояд омӯхт.

Ҳар кас, ки аз ин даври мактабхонӣ босамар истифода мебарад, ба мактабҳои олӣ ворид мешавад, таҳсилро давом медиҳад.

Ҳар сол гурӯҳ-гурӯҳ ҷавонон мактабро ба хатм мерасонанд. Иддае бахташон механдаду номи донишҷӯиро мушарраф мегарданд. Иддаи дигар...

Ба мушоҳида мерасад, ки ҷавонони имрӯз аз ягон ва ё ду-се даҳсола пештар ба куллӣ тафовут доранд. Он солҳо гарчӣ китобҳои дарсӣ кам буд, бештар мехонданд. Бо забони нобиі тоҷикӣ нисбатан равону хуб ҳарф мезаданд. Эҳтироми устодонро ба ҷо меоварданд. Мактуби дӯстӣ, иншоро дар мавзӯи озод бе душворӣ менавиштанд, шеърҳоро маънидод карда метавонистанд. Ҳоло-чӣ? Ҳоло дар ақлу шуури баъзе ҷавонони имрӯза як мафкура ва ақидаҳои номатлуб чун захрпечак ҷой гирифтааст. Тоҷикӣ мехонанду бо тоҷикӣ фаҳмо нametавонанд, ки ҳарф зананд, номаҳо иншо кунанд, ба тоҷикӣ навиштаашон пурғалат аст. Аз ҳама аламовар он аст, ки завқи шунидани суруду мусиқии тоҷикона надоранд. Бетоқатанд, ҳамин, ки ягон таронаи тоҷикӣ танин андохт, мисли фарзанди миллати бегона пайи хомӯш кардани он меафтанд. Ман инро дар чорабинии «Занги охирин», ки дар мактабе баргузор гардид, хеле хуб мушоҳида намудам. Ду бор, ҳамин, ки суруди тоҷикӣ танин андохт, дартоз омада кадом як суруди бегона пурсиданд ва дар ҳавои он рақсиданд. Ин чиз водор месозад, ки алҳол дарсҳои забону адабиёти тоҷик ва умуман ҳамаи фанҳои дигар амиқ намегузарад, падару модарон фарзандонро дар руҳияи миллӣ тарбия намекунанд, гарчӣ бо тоҷикӣ гуфтугӯ менамоянд.

Дар бадали як сол ба мушоҳида расид, ки ҳатто нафаре пуштбони фарҳангу адабиёт ва матбуот нест. Модоме ки вазъи воқеӣ ин гуна аст, чӣ тавр фарҳанги миллӣ инкишоф меёбад, забони адабӣ рӯ ба рушду такомул мениҳад, адабиёт пешрафт мекунад?!

Ба ҳар ҳол ба ҳамаи хатмкунандагон роҳи сафед мехоҳему бахти равон, танҳо хоҳиш дорем, ки ин даргоҳи муқаддас ва хидмати устодони азизи худро ҳаргиз фаромӯш насозанд. Лоиқ хеле хуб фармудааст:

_Дастаи дар мекашад аз остинам_
_ҳар саҳар,_
_Эй, ки берун меравӣ,_
_ин остонро гум макун._

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
_Вилояти ҶИЗЗАХ._



_Дар Андиҷон дар доираи «Ҷашнвораи ҷавонони Осиёи Марказӣ» «Ҷашнвораи ҷавонони Ӯзбекистону Қирғизистон» шуда гузашт._

_Дар рӯзи дуюми ҷашнвора ҷавонони ду ҷумҳурӣ аз «Маркази ҳунармандон»-и ноҳияи Шаҳрихон дидан карданд._

_– Шунида будам, ки аҳли Шаҳрихон ҳунарманданд, ҳунари кордсозӣ дар ин ҷо ривоҷ ёфтааст, – гуфт иштирокдори форум Бердалӣ Токтосун улии қирғизистонӣ. – Вақте худ рафти омода кардани кордҳоро дидам, ба маҳорати ҳунармандон аҳсант хондам. Чорабиниҳое, ки дар доираи ҷашнвора баргузор мегарданд, хоссатан, суҳбату мулоқотҳо ба қаробати ҷавонони ду халқи ҳамсоя мусоидат менамоянд._

**_Аксбардор: З. УМУРЗОҚОВ (ӮзА)._**

# ТАҚДИМОТИ «АНТОЛОГИЯИ ШЕЪРИЯТИ ӮЗБЕК»

**_Дар Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон муаррифии ҷилди якуми китоби «Антологияи шеърияти ӯзбек» баргузор шуд. Китоб дар хонаи табъу нашри «Ладомир»-и шаҳри Маскав аз чоп баромадааст._**



Аз он тарҷумаи ғазал ва рубоиҳои шоирони асрҳои XI-XIX ва порчаҳо аз достонҳои «Алпомиш», «Равшан», «Кунтуғмиш», «Ширин ва Шакар», «Тоҳир ва Зӯҳро», «Орзугул» ҷой гирифтаанд.

Тарҷумони асосӣ ва масъули китоб, шоири номии Русия Михаил Синелников мебошад, ки бо тарҷумаи адабиёти бадеӣ муназзам шуғл меварзад. М.Синелников таҳқиқотчии номӣ мебошад. Шеърҳои халқҳои Аврупо, Шарқи Дур, Қафқози Шимолӣ ва турк – ӯзбек, қирғиз, қазоқ, озар, туркман, тотор, булқор, қарачаро тарҷума кардааст. Дар байни тарҷумаҳои ӯ намунаи шеърҳои форсу тоҷик низ ҳаст. Ӯ соли 2011 маҷмӯи «Шеърияти Шарқ»-ро аз чоп баровардааст. Антологияи «Вохӯрӣ бо Тбилисӣ», «Умар Хайём дар тарҷумаи шоирони рус», «Назми классикии форс», «Ҳофиз дар тарҷумаи шоирони рус» манзури мухлисони назми бадеӣ гардидааст.

Ба омода кардани китоб Шоири халқии Ӯзбекистон Сироҷиддин Сайид, шоир ва тарҷумон Фахриёр, аз тарафи Русия бошад, муовини раиси Ҷамъияти дӯстии «Русия-Ӯзбекистон» Азат Примов иштирок кардаанд.

Барои антология шеърҳои дар солҳои гуногун тарҷумашуда ва тарҷумаҳои нав интихоб гардидааст. Тарҷумаҳоро Н. Грибнёв, С. Иванов, С. Сомова, А. Пенковский, М. Алигер, С.Маршак, Н. Заболожский дар ӯҳда доштаанд.

Нашри ҷилди дуюми антология тирамоҳи соли ҷорӣ ба нақша даровarda шудааст, ки ҳоло ҷараёни тарҷумаи он идома дорад.

Лоиҳа ба воситаи Сандуқи «Фарҳанг, фан ва варзиш»-и Алишер Усмонов ба амал татбиқ гардидааст.

**Н. НОДИРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# БУЗУРГДОШТИ ДУ ШОИР

**_Дар мактаби рақами 11-уми ноҳияи Сӯх бахшида ба ёдбуди Мӯъмин Қаноат ва Лоиқ Шералӣ тадбир доир гашт._**

Он бо ташаббуси маъмурияти мактаб ва муаллимони забон ва адабиёт А. Аминҷонов, М. Сафаров, С. Нуралиев ва дигарон ташкил карда шуд. Дар он хонандагон аз ҳаёти ду шоир маълумотҳоро ёдоварӣ карданд. Сипас, аз эҷодиёти шоирон шеърҳо қироат карда шуд, ки аҳли ҳамоиш бодиққат шуниданд.

– Ман аз баромади хонандагон оиди ду шоир маълумотҳои нафаҳмидаамро дарк кардам, – гуфт донишомӯзи синфи ҳаштум Зарифҷон Маҳмадалиев.

Дар охир ба хонандагони фаъоле, ки қироати беҳтаринро ба ҷо оварданд ва саҳм гузоштанд миннатдории маъмурияти мактаб баён карда шуд.

**Ҳотамалӣ РАҲМАТОВ.**
_Вилояти ФАРҒОНА._

# ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ Ё ДАСТОМӮЗӢ

**_(Бардоштҳои ақлонии ноумед)_**

**(Эссе)**

То кунун гумон мекардам, ки Ибни Сино, Берунӣ, Насриддини Тӯсӣ, Коперник, Нютон, Галилей, Эйнштейн ва садҳо дигар бузургони илму адаби инсонӣ масъули тарбия ва таълими мактаби замони худ будаанд. То ҷойе, ки дарк кардам, бузургони илму адабиёт ва санъат аз қолабҳои таълиму тарбияи замони худ берун баромада, система ва усулҳои анъанавишудаи худро паси сар карда, бо онҳо муқовимат карданд ва ғолиб ҳам шуданд. Умуман, бузургони ақлу хирад аз доираи тафаккури анъанавӣ ва сарбасташудаи замони худ баромада, дар заминаи созандагӣ, навоварӣ, диди нав ба замон меистоданд ва дар бисёр мавридҳои эҷодӣ ва фикрии худ аз тарафи муҳофизакорон бадбинона маломат мешуданд. Баъзеҳо бори вазнини маломат ва ҷоҳилиро набардошта, гуреза шуда, тарки ватан мекарданд ва ба куфр ҳам ҳукм мешуданд.

Таноқизи системаи таълиму тарбияи насли навин аз замони ташкил шудани макотиб (Юнон ва Рими Қадим) дар он аст, ки метод ва усулҳои таълиму тарбия на дар мабнои озодфикрӣ, худшиносӣ, созандагӣ, ҳақиқатҷӯйӣ, некбинӣ, балки бошуурона ва бешуурона, дар мабнои мутеӣ, тобеъкунӣ, пахши тинату ҳувияти шахс, майли интиқодӣ, якидеологӣ асос мекарданд. Чунин тамоили системаи таълиму тарбияи наслҳо анъанавӣ шуда, то замони мо, албатта, бо вижагиҳои ҳар як даври таърихӣ омада расидааст. Бесаранҷомии таълиму тарбияи замони мо, новобаста ба ғарбӣ ва шарқӣ будани вижагиҳои он, дар он аст, ки фард пеш аз ҳама на таълиму тарбия, балки дастомӯзӣ мешавад. Соддатар гӯем, шахсро аз истеъдоди фитрӣ ва ҳувияташ, ки инъоми худододанд, ҷудо карда, дарҳамшиканӣ мекунанд.

Дастомӯзии мактабӣ ва мадрасавӣ, дигар хел карда гӯем, дунявӣ (секулярӣ) ва динӣ (мазҳабӣ), аз дастомӯзии сирк (цирк) дар он фарқ мекунад, ки аввалӣ ба дигар кардани қалб ва тафаккури инсон равона шудааст, дувумӣ ба пахши ғариза (инстинкт)-и ҳайвонҳо. Яъне мақсади аввали дастомӯзӣ табдил додани инсон ба як намуди «арусак» – лухтаки сиёсӣ, идеологӣ, динӣ, иқтисодӣ ва ғайра, мақсади дувумӣ мубаддал кардани ҳайвон ба инсон.

Бояд гуфт, ки дар ҳар ду ҳолат кӯшишу ғайрат барои дигар кардани тинату хилқати инсону ҳайвон садсолаҳо аст, ки натиҷа надодааст, комёбӣ маълум нест, сурату сирати инсон ва ҳайвон ҳамон тавре ки дар аввали гардиши гардун буд, ҳамон тавр мондааст, фитнаву шар, ба қавли Ҳофиз, ҳамон тавре ки буд дигар нашудааст, баръакс шадидтар ва ҳассостар шудааст. Одамон якдигарро қатл мекунанд, зулм, ғорат, фиребгарӣ, дуздӣ, қаллобӣ, ришваситонӣ бо шаклҳои гуногун зуҳур мекунанд ва ғайра. Танҳо олоту василаҳои ҷангӣ тағйир меёбанд, масалан, қалъаҳои ҷангӣ ба пойгоҳҳои низомӣ, тиру камон ба автоматҳои калашников, аспҳо ба танкҳо, найзаҳо ба мушакҳо, асирафтодагон ба гурезаҳо ва ғайра. Агар бо мафҳумҳои ҳозира ифода кунем, танҳо тактикаю стратегияи ҷангӣ тағйир ёфтаанду моҳияти ҷанг бошад, ҳамон тавре ки буд, мондааст. Хусусияти асосии ҷанг – одамкушӣ, ғоратгарӣ, забти заминҳои бегона, сарватҳои зеризаминӣ ва рӯйизаминӣ, авомфиребӣ, поймол кардани шаъну шарафи инсонӣ, таҳмил кардани забон, дин ва фарҳанг ба мардуми бумӣ, омезиши этносҳо ва ғайра – дигар нашудааст. Агар натиҷаи таълиму тарбияи садсолаҳои одамӣ чунин бошад, пас умеди одамон ба оянда, гӯед, дар чист?

Фарзандони беҳтарини инсоният оид ба кирдорҳои хашин ва зишти одамӣ басе панду ҳикматҳои санҷидашуда ифшо кардаанд, ки аз шуниданашон дар маҷмӯъ, ба фалаҷи асаб дучор шудан мумкин, аммо ин ҳикматҳо танҳо дар рӯйи коғаз мондаанду халос.

Агар сухан аз қолабҳою стандартҳои адён (насронӣ, ислом) равад, инҷо инсон аз тафаккури озод, созандагӣ дар ҷомеа дар канор мемонад. Мувофиқи тафаккури динӣ инсон аз ҳувият ва ниҳодҳои созандагии ҷомеа бегона мегардад ва ба «бандаи» Худо, ба ҷойи, ба қавли Ҷалолиддини Балхӣ ва дигар орифони бузурги олами ислом, «меҳри» Худо табдил меёбад. Ва чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, «банда» будан, дар ҳар қадом шакле ё намуде зоҳир нагардад, озодӣ ва созандагиро намепарварад. Дигар карда гӯем, қолабҳо ва стандартҳои динӣ чун завлона (ишкел) дар гардани мардум як умр ва аз насл ба насл баста мешаванд.

Қолабҳо ва стандартҳои адён тафаккур, эҳсосот ва ғаризаи шахсро маҳдуд месозанд, онҳоро ба зулмот табдил медиҳанд, дар натиҷа «хушксолии» ақлонӣ ба вуҷуд мебиёяд. Чуноне ки мо аз таърих онро дар асрҳои X-XIV дар Аврупо ва дар асрҳои XV-XIX дар Шарқи мусулмонӣ мушоҳида менамоем. Ба ғайр аз ин, мисоли равшани фикрҳои болоро дар муборизаи шадиди калисо ба муқобили таълимоти гелиосентризми Коперник ва Галилей дар Аврупо ва идеяи «Ан ал-Ҳақ»-и Мансури Ҳаллоҷ дар Шарқи мусулмонӣ, инчунин нопазирии озодфикрӣ ва маърифатпарварӣ дар мамолики мусулмонӣ (М. Иқбол, М. Афғонӣ, М. Абдо, М. Ф. Охундов, А. Дониш ва ғайра) дар асри XIX равшан дида метавонем.

Чаҳор китоби муқаддаси динӣ (Инҷил, Забур, Таврот, Қуръон) ба ҷойи асоси таҳаввулоти фикрӣ, ақлонӣ, ба ҷойи ҳамзистию ҳампазироӣ ба манбаи ифротгароӣ, мазҳабситезӣ, ҳусуматгароӣ, қавмпарасти истифода карда мешаванд. Манфиати мазҳабӣ, шахсӣ, идеологӣ, сиёсӣ аз манфиати умумибашарӣ, экологӣ болотар гузошта мешаванд. Дар давраи тамаддуни технологияи иттилоотӣ дид, ҷаҳонбинии шахсро ё насли навро дар доираи як дину мазҳаб ва ё як қавму миллату фарҳанг маҳдуд кардан ғайри қобили қабул аст.

Адами интиқоди афкор ва аъмоли динӣ ва ё эҳтиром ба афкори танқидӣ, беихтиёр ба зулмоти назарӣ, ақоидӣ бурда мерасонад.

Тааҷҷубовар ин аст, ки стандарткунонии тафаккур ва эҳсосоти инсон, ки дар идеологияи адён ба чашм мерасад, акнун дар натиҷаи вусъат ёфтани технологияи рақамӣ дар ногувортарин ҳолат, яъне бе имон, бе боварӣ ба парвардигор ва пайғамбарон, ба чашм мерасад. Бесабаб нест, ки дар мамолики аз ҷиҳати техникаю технологияи иттилоотӣ рушдёфта дини нав – «Data», дейтизм, яъне беимон ба «дини» рақамӣ, бе пайғамбарону бе имомҳо ба вуқӯъ оварда истодаанд, ки мақсадаш аз стандартшавӣ, роботкунонии насли нав иборат аст. Хулоса, офати стандарткунонии тафаккур ва эҳсосоти инсон, боз чун теғи яманӣ дар сари насли нав овезон шудааст. Гуфтаву ҳаракатҳои қолабӣ, мушорикати қолабӣ, то ҳатто ифодаи ишқу муҳаббати қолабӣ моро дар пеш аст, ки зуҳуроти тамаддуни рақамӣ мебошанд.

Хушбахтона, замони стандарткунонӣ, қолабкории шууру тафаккури одамон, ки дар замони шӯравӣ, дар доираи чанбарҳои идеологии он ҳукмрон буд, аз байн рафт.

Замони мо, ки баъзе ҷомеашиносон тамаддуни рақамӣ ном ниҳодаанд, пеш аз ҳама, ба решаҳои ахлоқии миллӣ ва умумибашарӣ теша мезанад. Ахлоқ, маънавиёте, ки инсонро аз дигар ҷонварони олам фарқ мекунонад, акнун аз тарафи ширкатҳо (корпоратсияҳо)-и гуногуни молиявии байналмилалӣ дар ҳам фишурда мешаванд, дигар карда гӯем, ахлоқ ҳамчун арзиши маънавии салби эътибор (дискредитатсия) мегардад.

То кунун мо аниқ намедонем, ки системаи таълимии Университети Болон (Италия), ки дар зиёда аз 48 мамлакат барои гирифтани маълумоти олӣ ҷорӣ шудааст, ба муваффақиятҳои калон соҳиб шудааст ё не, зеро оморҳои давлатӣ маълумот намедиҳанд. Стандартҳои таълимии системаи Болон, масалан, ба қавли мутахассисони соҳаи маълумоти олии Русия, ба таври қаноатбахш кор намекунанд, зеро системаи таълимии Болон, танҳо ба дарёфти маълумоти олӣ нигарон аст, тарбияи маънавӣ ва ахлоқии донишҷӯён бошад, аз ин система берун мондааст. Дар ин ҷо суханони Саъдии бузург беихтиёр ба ёд меоянд: Олим шудан осон, одам шудан душвор аст. Системаи таълим дар кадом сатҳе, ки набошад – ибтидоӣ, миёна, олӣ – бояд, ки тарбияи маънавиро фаро гирад, вагарна насли нав, дар замони тасаллути беқиёси тамаддуни рақамӣ, интернет ба «зомбӣ» табдил ёфтанаш мумкин. Раванди таълиму тарбия набояд аз ҳам ҷудо бошанд. Бузургон гуфтаанд, ки тарбиятгар бояд худашро то охири умр тарбия намояд ва дониш омӯзонад. Дониш чун фазилати интеллектуалии инсон, дар замони мо арзиши маънавии худро аз даст додааст. Донишро бо пул харидан ғайриимкон аст, агарчи баъзеҳо бо пул дипломи дараҷаи олӣ ҳам мехаранд. Дониш ганҷест, ки бе ранҷ ба даст намеояд.

Аз аввали асри XXI дар натиҷаи пайдо шудани технологияи иттилоотӣ, васеъ паҳн шудани технологияи рақамӣ, гаҷетҳо, девайсҳо, ширкатҳои молии байналмилалӣ ба мисли google, facebook, aplle, youtube, amazon ва ғайра насли наврас аз доираи тарбияи анъанавӣ рӯз то рӯз берун баромада истодааст. Оила ва давлат, ки дар гузашта дар тарбия ва таълими насли нав фаъол буданд, акнун риштаи тарбия ва таълимро қариб аз даст медиҳанд. Сохторҳои давлатие, ки дар тарбияи насли наврас масъуланд, акнун бо ширкатҳои байналмилалии молӣ дар ин ҷода рақобат карда наметавонанд.

Барномаҳои таълиму тарбиявӣ дар асоси қолабҳо, стандартҳо тавре тартиб дода мешаванд, ки дар онҳо барои ҳувияти шахс, қобилияти фикрии мустақил, эҳсоси инсондӯстию инсонпарварӣ, эҷодкорию созандагӣ ҷой намемонад. Ба шакку шубҳаи ин ё он афкор, кирдор, дар назария, идея, қазия (теорема) роҳ дода намешавад.

Сухани муаллим, ки дар гузашта муқаддас ҳисоб меёфт, дар макотиби кунунӣ арзиши маънавии худро аз даст додааст. Китобхонӣ ба мушкилтарин заҳмати интеллектуалӣ табдил ёфтааст. Барномаҳои шабакаҳои телевизионӣ ва радио, ҳамон нақше, ки дар асри XX барои ташаккули маънавии насли наврас доштаанд, акнун аз ӯҳдаи рақобат бо ширкатҳои иттилоотии байналмилалӣ намебароянд. Барномаҳои шабакаҳои телевизионӣ ва радиоро танҳо нафақахурон, калонсолон ва ё истиқоматкунандагони маҳалҳои дур аз шаҳрҳои марказӣ тамошо ва гӯш мекунанду халос. Насли нав барномаҳои телевизиониро дар бисёр мавридҳо бо як киноя нигоҳ мекунанд. Сериалҳои кӯтоҳметражи телевизионӣ, фейкҳои хабарии муоширот ва ё шубҳаовар, агар анъаноти хуби ахлоқии миллиро як тараф монем, беҳтарин эҳсосоти шахсро хунсо мекунанд.

Як хусусияти бисёр манфии ақлонии одамон дар он аст, ки онҳо намехоҳанд дар андешаронии худ соҳибихтиёр бошанд, озодона тафаккур кунанд, аз қайду тааллуқот вораста бошанд, яъне завлонаи тафаккури анъанавӣ ва ё қолабшударо аз мустақилона андеша кардан афзалтар медонанд. Ба ифодаи дигар «бигузор ба ҷойи ман дигарон андеша кунанд» ва мултазим (ба ӯҳда гиранд) бошанд. И. Кант навишта буд, ки маорифпарварии ҳақиқӣ дар ҷомеа танҳо дар ҳолате ба вуқӯъ меояд, ки агар аъзои ҷомеа бо фикру андешаҳои худ мустақилона кору амал кунанд, завлонаи ақлонии фарсудашударо соқит карда тавонанд. Танҳо бо ин васила демократияи ҳақиқӣ дар ҷомеа пайдо шуданаш мумкин аст.

**Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ,**
**доктори улуми фалсафа,**
**профессор.**

***Бо ташаббуси сарвари давлат 29 апрели соли 2021 дар бораи дар шаҳри Бухоро ташкил намудани фестивали байналхалқии зардӯзию заргарӣ қарор қабул гардида буд. Бо мақсади намунавӣ созмон додани ин тадбир дар шаҳри бостонӣ тайёрии ҳаматарафа дида шуд. Чорабинӣ, ки 21-25 майи соли ҷорӣ дар Бухорои шариф бо рӯҳбаландии ба худ хос баргузор гардид, дар ҳаёти шаҳри кӯҳна ҳамчун воқеаи таърихӣ нақш гузошт.***



# «МЕҲРУ ЛУТФУ ЭҲТИРОМИ ТОҶИКОН ОВАРДАЕМ»

## Ҷашнвораи байналхалқии зардӯзӣ, заргарӣ, кашидадӯзӣ дар Бухоро анҷом ёфт



Ин фестивал, ки ба маънои томаш ба иди ҳақиқии дӯстию ҳунармандӣ, якдилию меҳру оқибат табдил ёфт, бахри пос доштани анъанаҳои қадимии ниёгон, рушд додани ҳунарҳои асили қадимии мардум, инкишоф додани робитаҳои сайёҳӣ, баланд бардоштани мақоми ҳунарманд дар ҷомеа, тарғиби ҳунаромӯзӣ ба наврасон ва садоқат ба ҳунарҳои нодири аҷдодӣ аҳамияти нотакрор дорад. Маълум аст, ки ин ҷашнвора дар Бухоро бори аввал ба вуқӯъ омада, дар ҳар ду сол як бор баргузоршавии он дар ин ҷо минбаъд ранги одатро мегирад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар арафаи фестивал ба Бухоро президенти Шӯрои ҳунармандони ҷаҳон Саъд-ал Каддумӣ ташриф овард. Дар тадбир бештар аз 50 мамлакати ҷаҳон 150 нафар ҳунармандон иштирок карданд.

Ҳарчанд ки номусоидии обуҳаво ба фестивал халал расонд, чараёни фестивал мувофиқи барномаи пешакӣ таҳияёфта идома ёфт. Дар нишасти матбуотӣ аз ҷониби Шӯрои ҳунармандони ҷаҳон ба шаҳри Бухоро дода шудани мақоми «Шаҳри ҳунармандии ҷаҳон» маълум карда шуд. То ҳол дар олам 30-то шаҳр, аз ҷумла дар соли 2019 шаҳри Кӯқанд сазовори чунин ном гаштааст.

Фестивал бо паради ҳунармандони маҳаллию хориҷӣ аз маҷмӯи Лаби ҳавз то қалъаи Арк ба тарзи тантанавӣ оғоз ёфт. Бояд таъкид намуд, ки дар ду тарафи роҳ аз қалъаи Арк то маҷмӯи Пои Калон қатораи дуконҳои савдои ҳунармандони вилоятҳои ҷумҳурию мамлакатҳои хориҷӣ ҷойгузин шуда, дар онҳо ҷараёни савдои маҳсули дастони эшон ҷӯш мезад. Мо дӯконҳои қаторро аз назар гузаронида, ба навиштаҷоти болои онҳо марок зоҳир кардем: ба ғайр аз шаҳри Тошканд Ҷумҳурии Қароқалпоқистону вилоятҳои ҷумҳурӣ, дар қатори поён дуконҳои мамлакатҳои хориҷӣ Бразилия, Австралия, Эрон, Фаластин, Фаронса, Гурҷистон, Ҳиндустон, Испания, Туркманистон, Туркия, Қазоқистон, Алҷазоир, Лаос, Лубнон, Малайзия, Малӣ, Марокаш, Намибия, Индонезия, Миср, Озарбойҷон, Покистон, Қирғизистон, Кувайт, Русия, Шветсия, Тунис, Тайланд, Тоҷикистон ва ғайра диққатамонро сӯйи худ кашид. Ҳунарманди бразилиягӣ Фабиана Арантес чанд сол муқаддам ба фестивали Кӯқанд низ омада будааст.

Суҳбати мо бо меҳмон аз вилояти Суғди Тоҷикистон, ҳунарманд, тарроҳ, журналист Салимабону Каримова кӯр гирифт. Вай бо маҳсули дастонаш борҳо ин ҷо омадааст. Лавҳаи зардӯзии вай – мулоқоти ду президент: Э.Раҳмон ва Ш.Мирзиёев беихтиёр диққати ҳар як бинандаро сӯйи худ мекашид.

– Шукри роҳбарони оқилу доно, ки риштаи дӯстии моро боз ба ҳам пайвастанд, – гуфт вай ва ин шеъри падари худ Абдулмаҷиди Хуҷандиро илова намуд:

*Дӯстон, моён саломи*
*тоҷикон овардаем,*
*Меҳру лутфу эҳтироми*
*тоҷикон овардаем.*
*Тӯшаи аҳли сафо аз баҳри*
*одам дӯстист,*
*Дӯстиро ҳам зи номи*
*тоҷикон овардаем.*

Дар шаҳри кӯҳнаи Бухоро тадбирҳои гуногун дар доираи барномаи фестивал ба амал меомаданд. Намоиши ҳунарҳои лӯхтаку дорбозӣ, барномаҳои консертии дастаҳои фолкорӣ ва садоратҳои вилоятҳо, озмуни ош, дарсҳои маҳорати ҳунармандони маҳаллию хориҷӣ, такдимоти китобҳои «Санъати заргарию зардӯзии Ӯзбекистон», «Санъати зардӯзӣ», саёҳат ба устохонаҳои зардӯз ва заргарони машҳури шаҳри Бухоро, озмун байни ҳунармандони маҳаллию хориҷӣ оид ба 12 номинатсия, конференсияи илмию амалии «Пешомадҳои рушди санъати зардӯзӣ, заргарӣ ва кашидадӯзии анъанавӣ», сайрҳои халқӣ, ҳафтаи мӯди «Bukhara Fachion days», маросими кушодашавии «Маркази зардӯзӣ ва ҳунармандии Малика Султон», «Фестивали ҷумҳуриявии иҷрокунандагони ҷавони «Шашмақом» ва ғайра аз ҷумлаи онҳо буданд. Имрӯз дар Бухоро ҳунармандию ҳунаромӯзӣ вусъат меёбад. Ҳоло дар шаҳр 800 нафар усто фаъолият дошта, онҳо ба 500 нафар шогирдон бо услуби «устою шогирд» асрори ҳунар меомӯзанд.

Дар ҷараёни фестивал ба масъалаи харҷи молиявии тадбир дахолат карда, гуфтанд, ки барои он қариб 14 миллиард сӯм маблағ ҷудо гардида, нисфи он аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ва нисфи дигараш аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ пардохта мешавад. Ҳунармандон ба фестивал барои фурӯш 10 килограмм маҳсулоти тиллоӣ ва 22 килограмм ашёи нуқрагин овардаанд. Ба ғолибони фестивали байналхалқӣ ба андозаи 45 ҳазор доллари ИМА мукофотҳои пулӣ супорида мешаванд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**
**Суратгир: Т.ИСТАДОВ**
**(ӮзА).**

---

Ба ҷойи табрик

# ҚАЛАМФАРСОЕ АЗ СӮХИ БОСТОНИЮ БӮСТОНӢ



Хатмкардаи Омӯзишгоҳи омӯзгории Конибодом ва факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе – Масъуди Мирзо 4 июни соли 1962 дар деҳаи Гулистони ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона чашм ба дунё кушудааст.

Баъди хатми донишгоҳ муддате дар кумитаи комсомол, шуъбаи маданият ва рӯзномаи “Шараф”-и ноҳияи Қубодиён (Тоҷикистон), рӯзномаи “Риштон ҳақиқати” ифои вазифа дошт. Фаъолияти меҳнатиашро дар зодгоҳаш – ноҳияи Сӯх ба ҳайси котиби масъул, сармуҳаррири рӯзномаи “Садои Сӯх”, ТВ СӮХ “Ситора” ва мудири шуъбаи фарҳанги ноҳия идома дод.

Аз соли 1989 то соли 2012 муҳаррири барномаҳои тоҷикии Ширкати садо ва симои вилояти Фарғона, солҳои 2012-2013 мутарҷим ва муҷрӣ дар бахши ӯзбекии радиои “Садои Хуросон” (Эрон) будааст.

Дар айни ҳол муҳаррири масъули бахши тоҷикии Ширкати садо ва симои вилоят, ҳамзамон омӯзгори бахши тоҷикии факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғона ва раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Фарғона мебошад.

Шеърҳояш дар матбуоти даврии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, Қирғизистон (“Паёми АЛА-ТО”), маҷмӯаи дастҷамъии “ Ҷилои ахтарони Сӯх” (Тошканд), “Донишномаи забон ва адабиёти форс-тоҷики Ӯзбекистон” соли 2007 (Теҳрон), “Мозаика” соли 2019 (Бишкек) нашр гардидаанд.

Нахусткитоби шеъри Масъуди Мирзо «Номаҳои манзум»-ро, ки бо пешгуфтори Шоири халқии Тоҷикистон Фарзонаи Хуҷандӣ дар Тошканд интишор ёфтааст, алоқамандони каломи бадеъ хуш пазируфтанд.

Масъуди Мирзо аз қаламфарсоёнест, ки суханро аз дил берун меорад ва рӯ ба тозагӯйӣ дорад. Ин ҷиҳат ба ҷолибияти сухани ӯ афзудааст. Ибораву ифодаҳои «ғайри бесӯйӣ нарафтам», «ишқат шӯълаи субҳи аҳуроист», «ғуломи аждари нафс будан», «зулмати ғурур», «маъбади муқаддаси муҳаббат», «дар дили динаву фардои Ватан», «иҷозати олудагӣ надодан» ва ҳоказо, ки дар қаламиҳои ӯ кам нестанд, бо забони ҳол мегӯянд, ки Маъсуди Мирзо шеър гуфтан мехоҳад, на назм.

Шоир дар баробари он, ки дар соҳаи журналистика ҳадафашро дар ҳамаи жанрҳо ба курсӣ менишонад, ровии хушбаён низ ҳаст. Шеъри худ ва дигаронро бо садои басе марғубу ҳавасангез ба самъи сомеъон мерасонад, ки на ҳар кӣ ин тавонро дорад.

Шоири тозаҷӯ, журналисти чирадаст ва ровии хушбаён имрӯзҳо по ба зинаи 60-уми умр мегузорад. Воқеан, барои адиб, журналист ва ҳамаи онҳое, ки бо сухан ва маънавият сарукор доранд, 60 синни камолот аст...

Ба ин муносибат Масъуди Мирзоро табрику таҳният мегӯем ва барои собит намудани гуфтаҳои болоӣ, ду шеъри нави ӯро, ки ба тозагӣ ирсол доштааст, ба алоқамандони каломи бадеъ пешниҳод менамоем.

**Бахши адабиёт ва**
**ҳунари**
**«Овози тоҷик».**

## БИЁ, БА ДИЛ РАҲМ КУНЕМ...

Биё, ба дил раҳм кунем,
Биё, ба дил раҳм куним, ки солҳо
ба зулмати ғурури мо асир буд.
Биё ба дил раҳм куним, ки солҳо
барои мо тапидааст.
Ману ту аз барои худ,
Биё, ба дил раҳм куним,
ки бас ҷафо гузаштааст
зи мову зиндагӣ ба ӯ!
Биё, биё, ки мардвор
шавем рӯ ба рӯ ба ӯ,
Биё, ба дил раҳм куним,
ки маъбади муқаддаси муҳаббат аст.
Ва ибтидою интиҳои мо аз ӯст,
саромади сиришти одамият аст.
Биё, ба дил раҳм куним,
Биё на неш, нӯш шавим барои ӯ
Биё, ба пеши дил равем
зи сакта пеш!
Биё, ба дил раҳм куним...

## АЗ АСЛИ ХУД ЁД ОВАРЕД...

Дилро ба дилҳо ҷо кунед,
ин қатраро дарё кунед,
Манро ба сӯйи мо баред,
ин зарраро дунё кунед.
Дил зинда бо меҳри Худо,
ҳастии Дил ҳасти шумо,
Меҳру муҳаббатро дигар аз лаб ба
дилҳо ҷо кунед.
Бовар ба дилҳо оваред в-аз санг
лаъле офаред,
Имрӯзи беояндаро обастани
фардо кунед.
Эй оқилон, ошиқ шавед,
ошиқ шавед, ошиқ шавед,
Зишт аст бе ишқ одамӣ,
ин зиштро зебо кунед.
Аз ганҷи Қорун суд нест,
Искандаре масъуд нест,
Ояндагони хешро Фирдавсию
Сино кунед.
Аз асли худ ёд оваред, бобои насли
худ шавед,
Худро на аз бегонаҳо,
аз хештан пайдо кунед!

## ДУБАЙТИҲО

Дилам хоҳад, ки ҳарфам сода
бошад,
Варо дил бар лабам бинҳода бошад.
Барӣ аз обу ранги кимиёӣ,
Ба мисли модарам озода бошад.

* * *

Ту рафтӣ, бо манат обу гилам монд,
Гули поизии беҳосилам монд.
Миёни соҳили хушкидадарё
Шикастақоикe, яъне дилам монд.

* * *

Маро аз бад ва бад кардан
нигаҳ дор,
Маро аз ҳар нафас мурдан
нигаҳ дор.
Маро аз ман расад ҳар бад, Худоё,
Маро аз ман, маро аз ман,
нигаҳ дор.

* * *

Ту рафтӣ, тирамаҳ омад суроғам,
Нафасҳои хазон омад ба боғам.
Дареғ аз лолазори орзуҳо,
Ки доғи нав ниҳад бар қалби доғам...

---

Дар рафи китоб

# «ҲАМНИШИНЕ БЕҲ АЗ КИТОБ МАХОҲ...»

***Эҷодкори бомаҳораттарин халқ аст. Эҷодиёти халқ намунаи олии санъат мебошад, он чизе, ки дар хотири халқ нақш бастааст, умри дароз мебинад. Халқ, бемуболиға, ҷӯяндаи ганҷ, ҷӯяндаи марворид аст. Вай аз ҳар чиз беҳтаринашро ҷудо карда, дар худ нигоҳ медорад, аз насл ба насл мерасонад.***

Чи тавре ки ҳар як қавму миллат панду ҳикматҳои оқилонаи аҷдод ва бузургони худро дӯст медорад, халқи тоҷик низ нисбат ба суханони ҳакимонаи гузаштагони худ, ки дар ҳаёт чун дастурамал хидмат кардаанд, эҳтироми самимонае доштааст. Ҳар як зарбулмасал, мақол ва мисраъҳои халқиро дар муошырати зиндагӣ дар мавқеи муносиб кор фармудан санъати бузург. Аз ҷумла, гӯяндае аз замони нооромии худ, ҳаёти танг, талхии рӯзгор, бемакон мондан шикоят кардааст:

*Мурғи бе болу паре дидам*
*дилам омад ба ёд,*
*Нолаи ҷуғзе шунидам*
*манзилам омад ба ёд...*

Муаллифи китоби «Фолклори деҳаи Нанай» зодаи ҳамин деҳаи ноҳияи Бӯстонлиқ Равза Азметова мебошад. Китоб таҳти таҳрири Асадулло Шукуров интишор гардидааст. Дар китоб маълумоти мухтасар перомуни деҳаи Нанай ва атрофи он, расму оин, фолклор, эҷодиёти шифоҳии мардуми он оварда шудааст.




Равза Азметова чун донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон аз солҳои донишҷӯйӣ ба гирд овардани фолклори деҳаи худ камар баста буд.

Дар китоб аз эҷодиёти шифоҳии халқ суруду тарона, зарбулмасалу мақол, нақлу ривоят, чистону масал гирд оварда шудааст. Гуфтугӯ ва лаҳҷаи деҳаҳои тоҷикнишини ноҳияи Бӯстонлиқ то андозае аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Муаллиф менависад: “Дар Нанай баҳор дер омада, зимистон барвақт сар мешавад. Аввали баҳор борон бисёр меборад. Зимистонаш сербарф буда, аз ҳад зиёд хунук аст, оби ҷӯйҳо ях мекунад... Аз барфи зиёд роҳгузарҳо метавонистанд бо болои бом роҳ гарданд. Рӯзҳои гарми тобистон барои зимистон гандум, ҷуворимакка, дӯлона, қоқи себ, зардолу, олуча, тутмавиз ва ғайраро захира мекарданд. Хонаи мардум аз ҷӯбу қамиш сохта шуда, ба баъзеи онҳо дар рӯзҳои боронгарӣ об медаромад. Дар миёни хона як сӯрохӣ, ки онро “танучча” (танӯрча) мегуфтанд, алав карда, гарм мешуданд. Дуд аз сӯрохии туйник (равзана)-и бом мебаромад. Ба болои тунучча сандалӣ монда гарм мешуданд. Ҳамаи ин баъди Инқилоби октябр барҳам хӯрдааст.”

Суруд ва лапарҳои халқӣ, ки дар тӯйҳо, никоҳ, гаҳворабандон, аллахонӣ ва дигар маросимҳо иҷро мешуданд, хеле шавқовар аст. Мисол:

*Мол ҳай кардам далава,*
*Дастам расид лолава.*
*Апа-додом наметияд,*
*Нағз дидагӣ ёрамба.*

Ба қарибӣ дар мактаби рақами 44-уми ҳамин деҳа тақдимоти китоб ба амал омада, ташкилотчии он, директори мактаб Муллабой Норматов, фаъолони Маркази миллӣ-мадании тоҷикони шаҳри Чирчиқ «Суғдиён», фаъолони маҳалла ва хонандагони мактаб иштирок карданд.

– Муаллиф барои ҷамъоварии маводи китоб заҳмати зиёд кашидааст. Чунин китобҳо барои ҷавонон, баҳри худшиносии онҳо хеле аҳамиятнок ҳастанд, – гуфт дар маҳфил фаъоли Маркази «Суғдиён» Р. Эсанбоев.

Шоир фармудааст:

*Ҳамнишине беҳ аз*
*китоб махоҳ,*
*Ки мусоҳиб бувад гаҳу бегоҳ.*

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

---

***Хазинаи иҷтимоии назди Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Фарғона моҳи марти соли равон бо мақсади иҷрои Барномаи давлатии “Соли гиромидошти инсон ва маҳаллаи фаъол” озмуни якуми худро эълон карда буд. Он таҳти унвони “Дастгирии лоиҳаҳои ниҳодҳои ҷамъиятӣ” баргузор гардид.***

# МАРКАЗИ МИЛЛӢ-ФАРҲАНГИИ ТОҶИКОНИ ВИЛОЯТИ ФАРҒОНА СОҲИБИ ГРАНТ ШУД

Дар ин озмун аз ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҷамъиятӣ 25 лоиҳа ширкат намудааст.

Бар асоси натиҷагириҳо лоиҳаи “Дӯстӣ – гарави амну субот”-и Маркази миллӣ-фарҳангии вилоятии тоҷикон низ яке аз ғолибони ин озмун муаррифӣ шудааст, ки соҳиби 40 миллион сӯм грант гардидааст.

– Хеле хурсандам, ки ин лоиҳаи мо мавриди назари ҳайати доварон қарор гирифт ва пирӯз шуд. Маблағе, ки барои мо ҷудо кардаанд, мусоидат хоҳад кард, ки чанд нақшаи худро дар бобати рушди забон ва фарҳанги миллӣ, тарғиби дӯстиву рафоқати байни миллатҳои маскуни вилоят сарф кунем, – мегӯяд раиси марказ Масъуд Мирзоев.

Ногуфта намонад, ки соли гузашта ҳокимияти вилоят дар қатори марказҳои дигари миллӣ ба Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикон низ мошини сабукрави “Дамас” ҷудо карда буд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир
Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-525. Адади нашр 4867 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.